# ФАРМОИШИ
# РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

"1" феврали соли 2023 №25/ун шаҳри Душанбе

*Дар бораи рад кардани додани унвони илмӣ*

Мутобиқи бандҳои 9, сархати 18 ва 18 Низомномаи муассисаи давлатии "Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.11.2021, № 270), бандҳои 32, 34, 38 сархати 2 ва 40 Тартиби додани унвонҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Дархостномаи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон "Оид ба додани унвони илмии дотсент аз рӯйи ихтисоси "Иттилоот, техникаи ҳисоббарор ва идоракунӣ" ба номзади илмҳои иқтисодӣ Кимсанов Уктам Олимҷонович", бинобар риоя нагардидани талаботҳои банди 32 Тартиби додани унвонҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267) ва банди 25 "Дастурамал оид ба тартиби баррасии масъалаҳои додан, маҳрум сохтан ва барқарор намудани унвонҳои илмӣ ва тартиби барасмиятдарории парвандаҳои аттестатсионии довталабони дарёфти унвонҳои илмӣ" (қарори Раёсати Комиссия аз 25 майи соли 2017, №2/5) рад карда шавад.
2. Пешниҳоди такрории парвандаи аттестасионии Кимсанов У.О., пас аз 1 сол аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур амалӣ карда шавад.
3. Нусхаи фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Иброҳимзода Д.Э. гузошта шавад.

Асос: хулосаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ ва қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2023, №2

Раис Розиқзода А.